**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Вазъи ҳуқуқии кӯдак дар назария ва амалия ҳамеша мубрам буда, дар соҳаҳои алоҳида баррасии мукаммали он имконнопазир мебошад. Дар ин маврид муносибати нисбатан комплексӣ ва васеъ мувофиқи мақсад буда, баррасии он дар ҳуқуқи хусусӣ тарзи нави масъалагузорӣ маҳсуб меёбад.

Дар ҳақиқат, тавре муаллиф қайд намудааст, кӯдак субъекти муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ буда, вазъи ҳуқуқии он дорои хусусиятҳои зиёд мебошад, ки таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунад.

Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар он то ҳадде консепсияи ягона вобаста ба вазъи ҳуқуқии кӯдак ҷой дорад, вале дар ҳар сурат вобаста ба масъалаҳои алоҳида номураттабӣ ва вайроншавии ягонагии ин вазъ ба мушоҳида мерасад. Ин, аз як тараф, натиҷаи набудани фаҳмиши ягонаи мафҳуми “кӯдак” ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, аз тарафи дигар, мавҷуд набудани заминаҳои дахлдори илмию таҳқиқотӣ ба он мусоидат менамояд. Муомилоти муосири гражданӣ низ талаб менамояд, ки нисбат ба вазъи ҳуқуқии кӯдак муносибати васеътар карда шавад.

Дар баробари ин, вобаста ба вазъи ҳуқуқии кӯдак дар қонунгузории граждании ва оилавӣ низ бисёр масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд, ки аз ҷониби муаллиф моҳирона нишон дода шудаанд.

Дар маҷмӯъ, вазъи ҳуқуқии кӯдак паҳлуҳои гуногуни ҳалталаб дорад, аз қабили номуайянии қобилияти амалкунӣ, қобилияти субъекти ҷавобгарии ҳуқуқӣ будан, таъсири мутақобилаи ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар ва фарзандон ба вазъи ҳуқуқӣ ва ғайра, ки бидуни баррасии комплексӣ ҳалли онҳо ғайриимкон мебошад.

Дар заминаи таҳлилу ҷамъбасти ҷанбаҳои мубрами зикршуда ва ҳалли онҳо мушкилоти танзими меъёрии пеш омада, дар диссертатсия ҷиҳати такмили низоми қонунгузории кишвар баъзе тағйиру иловаҳо пешниҳод карда шудааст.

**Дараҷаи навоварӣ ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада вабарои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Дар диссертатсия 19 навгонии илмӣ ва 6 гурӯҳ пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи татбиқи он пешниҳод шудааст, ки аксарияти онҳо аввалин маротиба дар шакли навгонӣ ҳамчун натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, аз ин сабаб аксари онҳо лоиқи дастгирӣ мебошанд. Ҳамчунин хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок манзур карда шудааст, ки ба муҳимтарини онҳо ишора кардан мувофиқи мақсад мебошад.

1. Асоснок шудааст, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак дар замони муосир натиҷаи таҳаввулоти таърихии танзими ҳуқуқии масъалаҳо вобаста ба кӯдак мебошад. Бинобар ин баррасии вазъи хоси ҳуқуқии кӯдак дар ҷараёни рушди таърихӣ ба мақсад мувофиқ буда, барои асоснок намудани мустақилияти кӯдак ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ усули мақсадноки илмӣ маҳсуб меёбад.

2. Дар маҷмӯъ, дар меъёрҳои ҳуқуқии зардуштия дар тафовут аз ҳуқуқи римӣ ва ҳуқуқи мусулмонӣ ҳуқуқҳои инсон сарфи назар аз баромади этникӣ, шаҳрвандӣ, ҷинс, мансубияти динӣ, ақди никоҳ, синну сол ва ғайра бештар

инъикосу мустаҳкам шудаанд. Ҳуқуқи кӯдак ҳанӯз аз замони дар батни модар будан мавриди ҳимоя қарор дошт, ҳарчанд дар он мафҳумҳои «қобилияти ҳуқуқдорӣ», «субъекти ҳуқуқ» ва ғайра истифода нашудааст.

3. Вазъи ҳуқуқии кӯдакон дар даврони шӯравӣ тағйир ёфта, кӯшишҳои олимон ҷиҳати асосноккунии ақидаи даст кашидан аз оила ва тарбияи фарзандро ба давлат вогузор намудан авҷ гирифт. Новобаста ба ин, меъёрҳои зиёде дар қонунгузорӣ пайдо шуданд, ки баҳри мустаҳкамии оила ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидаанд. Аз таҳлили қонунгузории ин замон ба хулоса омадан мумкин аст, ки давлат фаъолона ба муносибатҳои оилавӣ дахолат мекунад, чунки ин соҳа ба доираи амали ҳуқуқ ва афзалияти давлат марбут дониста шуда, кӯдак аз объекти ҳокимияти падару модар ба объекти сиёсати давлатӣ «табдил» ёфт, бинобар ин, кӯшишҳои таъсиси ҳуқуқи кӯдак, ки дар он кӯдак субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ буд, самара надод.

4. Исбот шудааст, ки дар ҳуқуқи хусусӣ ду навъи ҳолати ҳуқуқии кӯдак бояд фарқ карда шавад:

1) кӯдаконе, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ намебошанд (тамоми кӯдаконе, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд) ва нисбат ба онҳо ҳуқуқҳои падару модар, ки дар боби 12 КО ҶТ пешбинӣ шудааст, татбиқ мегардад;

2) кӯдаконе, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ мебошанд, ҳарчанд ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд (бинобар бастани ақди никоҳ ё дорои қобилияти пурраи амал – эмансипатсияшуда эътироф кардан) ва нисбат ба онҳо ҳуқуқҳои падару модар, ки дар боби 12 КО ҶТ пешбинӣ шудааст, татбиқ намегардад.

Ба чунин навъҳо ҷудо кардани кӯдакон пайомадҳои муайяни ҳуқуқиро ба миён меорад.

5. Муаллиф масъалаҳои марбут ба таносуби мафҳумҳоро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки мафҳумҳои «кӯдак» ва «ноболиғ» ҳаммаъно мебошанд, ба шарте сухан дар бораи вазъи умумии ҳуқуқи кӯдак равад. Агар

зарурат ба мушаххасгардонӣ ва маънидоди мазмуни меъёрҳои алоҳида равад, чунин мавқеъгирӣ ғалат аст. Асоснок шудааст, ки мафҳуми «кӯдак» мафҳуми умумии ифодакунандаи аломатҳои универсалӣ мебошад ва нисбат ба ҳама шахсоне татбиқ мегардад, ки ба синни 18 нарасидаанд. Зимнан мафҳуми мазкур тобеияти соҳавӣ надошта, истифодаи он яксон дар ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ҳатто соҳаҳои ҳуқуқи оммавӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра ҷоиз аст. Пас, мафҳумҳои «ноболиғ», «хурдсол», «наврас» бо мафҳуми умумии «кӯдак» фаро гирифта шуда, муносибати дуруст арзёбии маҷмӯи масъала мебошад, вагарна вазъи ҳуқуқии кӯдак нопурра ва номуайян боқӣ мемонад. Бо ҳамин сабаб барои дақиқ намудани вазъи кӯдак дар қонунгузории соҳавӣ баррасии маҷмӯӣ ва тафриқавии масъала тавсия шудааст.

6. Исбот шудааст, ки истифодаи ибора ва категорияи «вазъи ҳуқуқии кӯдак» дар ҳуқуқи гражданӣ ҷоиз буда, аз нуқтаи назари ҳуқуқи гражданӣ мафҳумҳои «ноболиғ» ва «хурдсол» бо назардошти қобилияти амалкунии граждании фард истифода мешаванд.

7. Хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ ифодаи махсусияти равонию физиологӣ мебошанд. Пас, ба даст овардани қобилияти пурраи амалкунӣ ҳаргиз маънои аз байн рафтани «кӯдакӣ» намебошад. Ба ин маъно муаллиф ба тафсири муқаррароти Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, ки истисноро дар фаҳмиши кӯдак бо вазъи ҳуқуқӣ рабт медиҳанд мухолиф мебошад. Муқаррароти Конвенсия вобаста ба балоғат бояд ҳамчун синни равонию физиологӣ тафсир карда шавад.

8. Вазъи ҳуқуқии кӯдак чун субъекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ чораҳои махсуси ҳимоявиро талаб менамояд. Қонунгузор ҳолатҳои гуногуни равонӣ ва синнусолиро ба инобат гирифта, ин «нопуррагӣ»-ро тавассути институти намояндагони қонунӣ пурра намудааст. Ин вазъият паҳлуи дигар дорад – бархӯрди манфиати кӯдак бо манфиати намояндаҳо. Аз ин рӯ, коркарди консепсияи ҳуқуқи кӯдак дар ҳуқуқи хусусӣ зарур мебошад, дар акси ҳол мустақилияти кӯдак ҳамчун субъекти ҳуқуқ таъмин намегардад.

9. Ҳуқуқи кӯдак дар маҷмӯъ зуҳуроти бандубастнашудаи ҳуқуқӣ буда, аз лиҳози методологӣ онро байнисоҳавӣ ва комплексӣ арзёбӣ карда, дар ин ё он соҳаи ҳуқуқ вазъи ҳуқуқии кӯдакро мушаххас намудан мумкин аст. Зимнан дар ҳар як соҳаи ҳуқуқ «вазъи махсус»-и ҳуқуқии кӯдакро нишон додан мумкин аст.

Ба андешаи муаллиф нисбат ба проблемаи мазкур аз ду паҳлу бояд муносибат карда шавад: (1) вазъи ҳуқуқии кӯдак ҳамчун субъекти ҳуқуқ; (2) вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳар як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ.

Сарфи назар аз баҳснокии баъзе хулосаҳои мазкур, дар маҷмӯъ, онҳо аз лиҳози илмӣ дуруст асоснок карда шуда, дорои аломатҳои навгонӣ мебошанд. Саҳми ин нуктаҳои назариявӣ барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ бебаҳс буда, заминаи устувори муайянгардии самтҳои нави таҳқиқ дар соҳаи мазкур мебошанд.

Дар диссертатсия баъзе пешниҳодҳое ҷой доранд, ки барои таҷдиди консепсияву ақидаҳои илмии устувори таърихан ташаккулёфта равона шудаанд. Масалан, дар қонунгузории граждании ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони то 6-сола норавшан буда, унсурҳои таркибии он ҷой надоранд. Мувофиқан шахсони то 6-сола пурра ғайри қобили амал буда, мустақилона ягон гурӯҳи аҳдҳоро баста наметавонанд. Аз тарафи дигар, истифодаи истилоҳи «қобилияти амалкунӣ» нисбат ба ин гурӯҳи кӯдакон ҷой дорад. Аз ин нуқта муаллиф тахмин кардааст, ки ин гурӯҳ қобилияти амалкуниро дар ин ё он ҳаҷм дошта метавонанд. Дар амал бисёр ҳолатҳое мешаванд, ки барои тарафи дигари аҳд муайянкунии синну сол душвор ва имконнопазир низ мебошад. Бинобар ин, пешниҳод шудааст, ки таснифи қобилияти амалкунии таърихан (аз замони ҳуқуқи римӣ) ташаккулёфта таҷдиди назар карда шавад. Боиси зикр аст, ки ин таклифи ҷасуронаи илмӣ буда, ҳамзамон бинобар асоснокӣ ва зарурати амалӣ низ қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Ҳамчунин муаллиф барои ҳалли мукаммали масъалаи вазъи ҳуқуқии кӯдак тарзи мавқеъгирӣ ба ин зуҳуроти ҳуқуқиро зарур шуморида, аз нигоҳи методологӣ ҷудосозии вазъи ҳуқуқии умумӣ ва махсуси кӯдакро мувофиқи

мақсад шуморидааст. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии гражданӣ фарогир буда, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии оилавӣ ҷузъи он мебошад. Дар баробари ин, нодида гирифтани хусусиятҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ дар муносибатҳои оилавӣ нодуруст ва муносибати илмӣ намебошад. Аз ин рӯ, мураккабгардонии масъала зарурат надошта, бояд сухан дар бораи таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои ин қобилиятҳо дар доираи мафҳумҳои ягонаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии гражданӣ равад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда аз лиҳози аҳамияти амалиявӣ низ боиси дастгирист, зеро докторант 6 гурӯҳи тавсияҳоро барои такомули қонунгузорӣ дар ин самт пешниҳод карда, дар ин ё он шакл амалишавии онҳо танҳо аз фурсати муайян вобаста аст.

**Асоснок ва боэътимодии хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада дар заминаи сарчашмаҳои зиёди илмӣ ва меъёрию хуқуқӣ (зиёда аз 250 асари илмӣ, 42 таҳқиқоти диссертатсионӣ, 4 асари ба забонҳои хориҷӣ нашршуда ва 27 сарчашмаи меъёрию ҳуқуқии амалкунанда) ба даст омадаанд.

Истифодаи васеи методологияи муосири илмӣ дар таҳияи рисолаи илмии Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор эҳсос мегардад. Дар диссертатсия ба таври зарурӣ аз усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои хоси илми ҳуқуқ ва ҳуқуқи хусусӣ истифода гардидааст, ки корбасти онҳо барои таҳияи хулосаю навгониҳои илмии объективона имконият фароҳам овардаанд. Махсусан, истифодаи усули дарки диалектикӣ дар таҳқиқот ба сифати замина истифода гардидааст, ки таҳлили ҳаматарафаи объектҳои таҳқиқшаванда, инчунин муайян намудани робитаҳои сабабию оқибатии зуҳуроти таҳлилшударо дар робитаи ногусастанӣ дар назар дорад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо пешниҳоди тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмии диссертасияи пешниҳодшуда, пеш аз ҳама, дар асосноккунии консепсияи муаллифии ҳуқуқҳои кӯдак, тавсияҳо бобати

такмили қонунгузории амалкунанда, интишорот ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои гуногуни илмию амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ таҷассум мегардад.

Навгонӣ дар ченаки мураккаби сивилистӣ ва назариявӣ-эмпирикии вазъи ҳуқуқи кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, ки оид ба мавҷуд будани як қатор проблема дар соҳаи муқаррароти қонунгузорӣ, татбиқи амалӣ ва дарки доктриналии ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд, зоҳир мешавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур дар хислати амалӣ доштани тавсияҳои таклифнамудаи муаллиф, ки барои баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳо бо иштироки кӯдакон ифода меёбад, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои дар он ҷойдошта метавонанд дар ҷараёни мукаммалгардонии минбаъдаи муқаррароти дахлдори қонунгузории гражданӣ ва оилавӣ истифода гарданд ва барои таҷрибаи ягона оид ба баҳсҳое, ки бо ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон иртибот доранд, саҳм гузорад.

Аҳамияти иқтисодии рисола дар муносибатҳои молумулкӣ, бахусус муносибатҳои меросӣ, инъикос меёбад. Дар ин муносибатҳо вазъи хоссаи кӯдак ҷой дошта, қонунгузор мувофиқан масъалаҳои мазкурро зимни муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ба инобат гирифтааст, ки дар натиҷа дар қонунгузории гражданӣ вобаста ба масъалаҳои мерос осори онро мушоҳида кардан мумкин аст.

**Сохтори диссертатсия.** Мавзӯъ, мақсаду вазифаҳо сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, чор боби дорои 15 параграф, хулоса ва рӯйхати санадҳои меъёрӣ, адабиёт ва маводи таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ иборат мебошад.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашриҳои илмӣ.**

Феҳристи маводи чопии докторант баёнгари он аст, ки муаллиф дастовардҳои илмии худро ба таври комил ва зарурӣ таҳия ва нашр намуда, мавриди омӯзиши муҳаққиқу мутахассисони соҳа гардонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллиф дар зиёда аз 42 кори илмӣ ифода ёфтаанд. Ҳамагӣ вобаста ба таҳқиқот 1 китоби дарсӣ, 13 васоити таълимӣ, 3 монография ва 17 мақола дар маҷаллаҳои пешбари тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсияҳои докторӣ ба чоп расидаанд. Ҳаҷми умумии интишорот 100 ҷузъи чопӣ мебошад.

Автореферат мазмуни диссертатсияро пурра инъикос намуда, маълумоти заруриро дар шакли мухтасар оид ба диссертатсия дода метавонад.

Диссертатсия дар самти ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳия шуда, доираи васеи масъалаҳои ҳуқуқи хусусиро дар бар гирифта, метавонад бомуваффақият дар самти интихобнамудаи муаллиф ҳимоя гардад.

Дар қатори дастовардҳои эҷодӣ дар рисолаи пешниҳоднамудаи муаллиф баъзе камбудию масъалаҳои баҳсталаб мушоҳида мегардад. Аз ҷумла:

1. Дар нуқтаи нуҳуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда (с.16) диссертант зарурати коркарди консепсияи ҳуқуқи кӯдакро дар ҳуқуқи хусусӣ асоснок кардааст. Зимнан, муаллиф аломатҳои консептуалӣ ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии хусусии кӯдакро нишон надодааст.

2. Дар нуқтаи даҳуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда (с.16) муаллиф хулоса кардааст, ки сарфи назар аз хислати байнисоҳавии вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳар як соҳаи ҳуқуқ «вазъи махсус»-и ҳуқуқии кӯдак мавҷуд мебошад. Зимнан вазъи ҳуқуқии кӯдак ҳамчун субъекти ҳуқуқ ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ фарқият гузошта шудааст. Мехостем тавзеҳи диссертантро вобаста ба маҳакҳои фарқгузории ин вазъҳои ҳуқуқӣ шунавем. Магар вазъи ҳуқуқии субъект вазъи ҳуқуқии кӯдакро дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ дар бар намегирад?

3. Бо ақидае, ки кӯдак бе ухдадориҳо иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ва ҳуқуқии хусусӣ буда наметавонад (банди сенздаҳуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда – с.17), розӣ шудан душвор аст. Ба ақидаи мо, кӯдак то он лаҳзае танҳо ҳуқуқ дорад, ки ӯ кӯдаки ноболиғ эътироф мешавад, ухдадориҳоро падару модар ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда доро мебошанд.

4. Муаллиф қайд намудааст, ки дар замони муосир функсияи тарбиявии оила маҳдуд шуда, масъулият ба давлат ва ҷамъият гузашта истодааст. Магар мавҷудияти тамоюли мазкур аз оммавигардии муносибатҳое, ки дар онҳо кӯдак иштирок менамояд ва ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун танзимгари ин муносибатҳо дар маҷмӯъ шаҳодат намедиҳад?

Тавсия ва мушкилоти баҳсталабе, ки баён гардид, арзиши баланди илмии дассертатсияро ба ҳеҷ ваҷҳ паст намекунанд. Диссертатсияи пешниҳодгардида таҳқиқоти илмии тахассусӣ буда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст. Он кори мустақил, баохиррасида ва комплексӣ мебошад, ки ба масъалаи мубрами рӯз бахшида шуда, ба як қатор масъалаҳои баҳсталаби илмӣ равшанӣ андохта, роҳҳои ҳалли қисми дигари мушкилоти ҳукуқиро пешниҳод кардааст.

**Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Таҳқиқот саҳми илмии муаллиф дар таҳлилу баррасии яке аз масъалаҳои доғи рӯз - ҳуқуқҳои кӯдак дар ҷаҳони муосир буда, ба вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Диссертатсияи Ғафforзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» аҳамияти назарӣ ва амалии илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ дошта, таҳқиқоти комил ва баохиррасида мебошад, ки дар он як қатор навгониҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаю пешниҳодҳои таҳияшуда холигиро дар омӯзиши илмии ин масъалаҳо пурра намуда, имконият барои ҳаллу баррасии

як қатор масъалаҳои мубрами ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалисозии ҳуқуқро фароҳам меоваранд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» рисолаи илмии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва мушкилоти мушаххаси илмӣ ҳалли худро ёфтаанд. Аз ин сабаб, муаллифи он - Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ**
**Профессори кафедраи ҳуқуқи граждании**
**Муассисаи таҳсилоти олии «Донишгоҳи идоракунии**
**«ТИСБИ», доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Тагаева С.Н.**

**Суроға:**
**Федератсия Россия, Ҷумҳурии Тотористон, 420012, ш. Қазон, к. Муштари, 13. Муассисаи таҳсилоти олии «Донишгоҳи идоракунии «ТИСБИ». E-mail-и муассиса: tisbi@tisbi.ru Web-сайти муассиса: http://www.tisbi.ru. Телефони муассиса: +7 843 294-83-44**

**«Имзои Тагаева С.Н.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Муассисаи таҳсилоти олии**
**«Донишгоҳи идоракунии «ТИСБИ»**

ПОДПИСЬ ЗАВЕРЯЮ
Специалист по кадрам ________
«____» ____________ 20____г.